Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ҚАРОР

Правительство Республики Таджикистан
ПОСТАНОВЛЕНИЕ

аз 29 декабри соли 2018 №594 ш.Душанбе

# Дар хусуси тадбирҳои иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019»

Ҷиҳати иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019», қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019» ва нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2020-2021», инчунин бо мақсади ба даромади буҷети давлатӣ ҷалб намудани захираҳои молиявӣ, таъмини истифодаи самарабахши маблағҳои буҷетӣ, сари вакт амалӣ намудани лоиҳаҳои муштараки сармоягузории давлатӣ ва мусоидат ба рушди устувори иқтисодиёти миллӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Вазорату идораҳо, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо:

- барои таъмини иҷрои саривақтии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019» ва қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019» ва нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2020-2021» нақшаи чорабиниҳо таҳия намуда, иҷрои онро дар муҳлати муқарраргардида таъмин намоянд;

- бо мақсади таъмини мониторинги шумораи кормандони мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои буҷетӣ ҳар моҳ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба шумораи воқеии воҳидҳои кории бандбуда ва мавҷудияти воҳидҳои кории холӣ аз рӯи категорияҳои мансабҳо ва воҳидҳои сохтории вазорату идораҳо маълумот пешниҳод намоянд;

- хариди мол, кор ва хизматрасониеро, ки аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ анҷом дода мешавад, дар доираи меъёрҳои муқарраргардида бо пешниҳоди протоколи комиссияи тендерӣ амалӣ намуда, фарқияти (сарфаи) маблағҳои дар натиҷаи баргузории тендер бавуҷудомадаро (ба истиснои маблағҳои махсус, грант ва сарпарастии ташкилотҳои буҷетӣ, инчунин маблағҳои буҷетӣ ва махсуси Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷамъияти саҳомии кушодаи «НБО Роғун») ба суратҳисоби махсуси хазинадорӣ интиқол диҳанд;

- номгӯи иншооти аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ, аз ҷумла маблағҳои махсус дар соли 2019 сохташавандаро дар мувофиқа бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати маблағгузорӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон то 15 январи соли 2019 пешниҳод намоянд;

- истифодаи самаранок ва мақсадноки маблағҳои буҷетӣ, аз ҷумла барои сохтмони асосӣ ҷудошавандаро таъмин намуда, оид ба ҳаҷми корҳои иҷрошуда ҳар моҳ то санаи 10-уми баъди моҳи ҳисоботӣ ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд;

- ҷиҳати пардохти музди меҳнати кормандони мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои буҷетӣ бо кортҳои электронӣ тавассути бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ва дигар бонкҳои эътимодноки ҷумҳурӣ чораҳои зарурӣ андешанд;

- воридоти маблағро ба суратҳисоби махсуси захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ мутобиқи қисми 1 моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019» таъмин намоянд;

- истифодаи маблағҳои махсус (ба истиснои маблағҳои грантӣ ва сарпарастӣ) берун аз низоми хазинадорӣ тавассути бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ манъ аст. Дар ҳолати вайрон кардани низоми мазкур, оид ба ситонидан ва пурра ба буҷети дахлдор баргардонидани маблағҳои ошкоргардида чораҷӯӣ намуда, ҳамзамон, ташкилотҳои буҷетӣ метавонанд барои истифодаи маблағҳои грантӣ ва сарпарастӣ аз низоми хазинадорӣ истифода баранд;

- дар сурати тағйирёбии қурби асъор ва норасоии маблағҳои дар буҷет пешбинишуда барои нигоҳдории намояндагиҳои дипломатӣ, консулгариҳо ва намояндагиҳои вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа фарқияти он аз ҳисоби маблағҳои махсус пӯшонида шавад;

- ҳар семоҳа то санаи 10-уми баъди моҳи ҳисоботӣ оид ба воридоти маблағҳои грантӣ ва кумаки техникие, ки аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ (хайриявӣ ва сарпарастон) расонида мешаванд, ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд;

- дар ҳамкорӣ бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати марҳила ба марҳила ҷорӣ намудани гардиши ҳуҷҷатҳои пардохти электронӣ чораҷӯӣ намоянд. Гирандагони маблағҳои буҷетӣ, ки ба ҳуҷҷатгузории электронии пардохтҳо гузаштаанд, барои гузаронидани амалиётҳои молиявӣ масъул мебошанд;

- аз рӯи маблағгузории барномаҳои соҳавӣ, аз ҷумла барномаҳое, ки амалишавии онҳо дар доираи маблағҳои пешбинишуда муайян гардидаанд, ҳар семоҳа ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи муфассал пешниҳод намоянд.

2. Дар соли 2019 меъёрҳои маблағгузории сарикасии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тибқи замимаи 1, коэффитсиентҳои махсуси шаҳрӣ ва ноҳиявӣ барои маблағгузории меъёрии (сарикасии) муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тибқи замимаи 2, меъёрҳои ҳадди ақали маблағгузории сарикасии муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ тибқи замимаи 3 ва коэффитсиентҳои махсуси шаҳрӣ ва ноҳиявӣ барои баробаркунии маблағгузории сарикасии муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ тибқи замимаи 4 тасдиқ карда шаванд.

3. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- бо мақсади таъмини саривақтии иҷрои нақшаи даромади буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, ҳиссаҷудокуниҳоро байни буҷетҳои дахлдор тибқи муқаррароти моддаи 67 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намуда, воридоти маблағҳои нақшавии буҷетҳои маҳаллиро, ки ба буҷети ҷумҳуриявӣ ворид мегарданд, сари вақт аз рӯи таъиноташон ба буҷетҳои маҳаллӣ гузаронад;

- якҷо бо вазорату идораҳо, ташкилотҳои буҷетӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба иҷрои қисми даромади буҷети давлатӣ чораҳои зарурӣ андешида, истифодаи маблағҳои буҷетиро дар доираи даромади воқеӣ мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019» бо дар назар доштани дар навбати аввал маблағгузории моддаҳои ҳимояшавандаи буҷет таъмин намояд;

- дар ҳолати зарурӣ бо мақсади иҷрои саривақтӣ ва сифатноки буҷет, ба тақсимоти семоҳаи даромад ва хароҷот, моддаҳои хароҷотии мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои буҷетӣ, инчунин дар ҳолати пайдо гардидани норасоӣ аз рӯи пардохти музди меҳнат ва маблағҷудокунӣ ба эҳтиёҷоти иҷтимоӣ байни соҳаҳо дар доираи буҷети тасдиқшудаи соли 2019 тағйирот ворид намояд. Дар сурати мавҷуд будани сарфа аз рӯи моддаҳои хароҷотӣ ва набудани қарздорӣ аз рӯи онҳо, бо тартиби муқарраргардида ба маблағгузории моддаҳои хароҷот тағйироти дахлдор ворид намояд;

- бо сабаби тағйир ёфтани ҳаҷми истеҳсолот (кор ва хизматрасонӣ), андозаи нарх, меъёр ва муҳлати пардохти андоз, заминаи андозбандӣ, инчунин тағйирёбии сохтории ташкилотҳои буҷетӣ, ки аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулнамудаи мақомоти

давлатӣ бармеоянд, ба қисмҳои даромад ва хароҷоти буҷетҳои дахлдор тағйирот ворид намуда, бо тартиби муқарраргардида байни буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ва буҷетҳои маҳаллӣ ҳисобҳои байниҳамдигарӣ гузаронад;

- дар ҳолати иҷро нагардидан ё барзиёд ворид гардидани маблағҳои махсуси мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои буҷетӣ нисбати маблағҳои тасдиқшудаи буҷети давлатӣ ба сметаи даромад ва хароҷоти онҳо ва мутаносибан ба қисми даромад ва хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти дахлдор ворид намояд;

- ҳангоми истифода бурдани бақияи ба аввали соли молиявӣ бавуҷудомадаи маблағҳои махсуси мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои буҷетӣ барои нигоҳ доштани мувозинати буҷет ба қисми даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ тағйироти дахлдор ворид намояд;

- дар ҳолати мавриди иҷрои буҷети давлатӣ ба вуҷуд омадани тафовути хазинавӣ, маблағгузории хароҷоти вазорату идораҳо ва ташкилотҳоро, ки суратҳисоби маблағҳои махсус доранд, аз ҳисоби маблағҳои махсуси онҳо амалӣ намояд;

- дар ҳолати нодуруст банақшагирии фонди музди меҳнат дар буҷети шаҳру ноҳияҳое, ки мусоидати молиявӣ (субвенсия) ва кумаки молиявии беподош (дотатсия) мегиранд, маблағи фарқияти он аз нақшаи мусоидати молиявӣ кам карда шавад;

- маблағи дар буҷети давлатӣ барои пурра намудани сармояи оинномавии бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» пешбинишударо вобаста ба иҷрои воқеии буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ намояд;

- якҷо бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади кам кардани бақияпулии андозҳо, ҷарима ва фоизҳо аз рӯи онҳо, ба истиснои андозҳои даромад ва иҷтимоӣ, бо дар назар доштани зарурати ихтисор кардани қарзҳои кредитории ташкилотҳои буҷетӣ дар назди андозсупорандагон, ки то 1 январи соли 2019 ба вуҷуд омадаанд, бо тартиби муқарраргардида ҳисоббаробаркунии байни онҳоро бе тағйир додани иҷрои воқеии даромад ва хароҷоти буҷет гузаронад;

- маблағҳои аз мақомоти назоратию санҷишӣ воридшавандаро дар ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ дар сатри алоҳида аз рӯи мақомот ва мансубият ба ҳисоб гирад;

- якҷо бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи моддаи 78 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти 2014, №155 ҷиҳати аз ҳисоб баровардани қарзҳои беэътимоди андозсупорандагон чораҷӯӣ намояд;

- дар ҳолати норасоии маблағҳо барои пардохти уҳдадориҳои давлатӣ оид ба хизматрасонии қарзи давлатӣ, қарзҳои бо кафолати давлатӣ ҷалбгардида, нигоҳдории намояндагиҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ва аъзоҳаққии кишвар дар назди

созмонҳои байналмилалӣ, маблағгузории онҳоро аз ҳисоби маблағҳои барои паст кардани хавфҳои фискалии дар буҷети ҷумҳуриявӣ пешбинишуда таъмин намояд;

- якҷо бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк», инчунин бонкҳои дигари ҷумҳурӣ ва дигар сохторҳои давлатӣ барои тақвияти корҳо оид ба ташкили низоми ягонаи иттилоотӣ чораҳои иловагӣ андешад;

- якҷо бо Бонки миллии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати амалӣ намудани тартиби дар шакли электронӣ ба ҳисоби шахсии андозсупорандагон гузаронидани маблағи андозҳои пардохтшуда чораҷӯӣ намояд;

- аз 1 январи соли 2019 ба буҷети ҷумҳуриявӣ 70 фоизи маблағи умумии пинҳонкардашудаи (камнишондодашудаи) андозҳо, фоизҳо ва ҷаримаҳо аз рӯи онҳо, ба истиснои андози иҷтимоӣ, низоми махсуси андозбандӣ ва андозҳои маҳаллӣ, ки дар ҷараёни фаъолияти назоратӣ ошкор гардидаанд ва 70 фоизи маблағи хироҷҳои гумрукиро гузаронад;

- якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор ва дигар ташкилотҳои буҷетӣ ҳар семоҳа ба буҷет гузаронидани 45 фоизи маблағҳои махсуси раёсати бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 55 фоизи маблағҳои махсуси хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт, 5 фоизи маблағҳои махсуси муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, муассисаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, 15 фоизи маблағҳои махсуси муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дастгоҳҳои марказӣ ва мақомоти Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 10 фоизи ташкилотҳои дигари соҳаи маориф, илм, фарҳанг, 20 фоизи маблағҳои махсуси дигар ташкилотҳои буҷетиро, ба истиснои маблағҳои грантӣ, хайрияҳо, сарпарастӣ ва мақсаднок бо супориш аз ҳисоби буҷети давлатӣ, даромад аз фонди иҷораи китоби дарсӣ ва маблағҳои махсуси Хазинаи сарватҳои давлатии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қисми 1 моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019» таъмин намояд;

- якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати иҷрои талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохти кумакпулиҳои якваќтаро ба хизматчиёни давлатӣ ҳангоми ба нафақа баромадан ва дар ҳолати фавти онҳо бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда аз ҳисоби маблағҳои дар буҷети ҷумҳуриявӣ ба ин мақсад барои мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар соли 2019

пешбинигардида ва маблағҳои махсуси вазорату идораҳои дахлдор, инчунин аз ҳисоби иҷрои барзиёди даромадҳо ва бақияи маблағи озоди буҷетҳои маҳаллӣ амалӣ намояд;

- маблағгузории сармоягузории асосии мутамарказ ва хароҷотеро, ки ҳамчун ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ пешбинӣ шудааст, дар доираи маблағҳои тасдиқшудаи буҷетӣ анҷом диҳад;

- ба фармоишгарони иншооти сохтмонашон оғозгардида барои пешпардохти ташкилотҳои пудратӣ ва эҳтиёҷоти онҳо ҷудо намудани маблағҳоро ба андозаи то 20 фоизи маблағҳои нақшаи семоҳа ҷиҳати харидории захираҳои моддӣ ва корҳои омодагии сохтмонӣ таъмин намуда, маблағи мазкур аз ҳисоби ҳаҷми корҳои дар семоҳа иҷрогардида пӯшонида шавад;

- маблағгузории асосии мутамаркази давлатиро қатъиян дар доираи буҷет барои соли 2019 тасдиқшуда мутобиқи замимаи 5 ва даромади воқеии буҷет амалӣ намояд;

- барои пӯшонидани касри буҷет векселҳои кӯтоҳмуддати хазинадориро дар ҳаҷми 100 млн сомонӣ ба муомилот барорад;

- оид ба иҷрои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019 ҳар семоҳа ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд;

- якҷо бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи муқаррароти моддаҳои 69 ва 191 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дар мухлати муқарраргардида аз буҷетҳои дахлдор баргардонидани маблағҳои барзиёд пардохтшудаи андозҳо, ҷаримаҳо ва фоизҳои онҳо чораҳои зарурӣ андешад;

- бо мақсади таъмини шаффофияти хароҷоти маблағҳои буҷетӣ, ҳар семоҳа дар сомонаи интернетии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷараёни иҷрои қисми даромад ва хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019, ба истиснои маълумоти дорои хусусияти махфӣ, маълумот нашр намояд;

- бо мақсади дуруст ба роҳ мондани ҳисоббаробаркуниҳои тарафайн байни Вазорати молия ва Бонки миллии Тоҷикистон созишнома оид ба танзими уҳдадориҳо ба имзо расонида, ҳар семоҳа ва нимсола иҷрои уҳдадориҳоро аз рӯи созишнома сари вақт таъмин намояд;

- ҷиҳати пардохти уҳдадориҳои (пардохтнашудаи) қаблии дар назди Бонки миллии Тоҷикистон дошта аз рӯи коғазҳои қиматноки давлатӣ (векселҳо) ва ҳисоббаробаркуниҳои тарафҳо чораҷӯӣ намояд.

4. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- якҷо бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк», инчунин бонкҳои дигари ҷумҳурӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ воридоти андозҳо ва

даромадҳоро ба буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ мутобиқи меъёрҳои муқаррарнамудаи моддаи 13 ва қисми 2 моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019» ва Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намоянд;

- тибқи муқаррароти кодексҳои андоз ва гумрук барои рӯёнидани бақияпулиҳо аз рӯи андозҳо, боҷҳои давлатӣ, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ва боҷҳои гумрукӣ ва роҳ надодан ба зиёдшавии онҳо чораҳои зарурӣ андешанд;

- якҷо бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати омӯзиш ва фаҳмондадиҳии муқаррароти кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозсупорандагон ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ оид ба баланд бардоштани фарҳанги андозсупорӣ ва масъулияти роҳбарони ташкилотҳо тадбирҳои мушаххас андешанд;

- барои пурра ба буҷети ҷумҳуриявӣ гузаронидани андозҳои танзимшавандае, ки ҳиссаи он дар даромади буҷети ҷумҳуриявӣ пешбинӣ шудааст, мусоидат намоянд;

- ба ворид намудани як намуди андоз ба ҳисоби дигар намуди андоз ва мустақиман гузаронидани андозҳои танзимшаванда бе амалиёти сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳ надиҳанд;

- ҳисоботи фавриро оид ба воридоти андозҳои умумидавлатӣ, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ, инчунин пардохтҳои гумрукӣ аз гардиши савдои хориҷӣ то санаи 7-уми баъди моҳи ҳисоботӣ, маълумоти бақияпулиҳои андоз то 20-уми баъди моҳи ҳисоботӣ ва маълумот оид ба имтиёзҳои истифодашудаи андозӣ ва гумрукиро ҳар семоҳа на дертар аз санаи 25-уми баъд аз семоҳаи ҳисоботӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд;

- мутобиқи моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019» барои ҳавасмандгардонии кормандон ва рушди заминаи моддию техникии мақомоти андоз ва гумрук 30 фоизи маблағи умумии пинҳонкардашудаи (камнишондодашудаи) андозҳо, фоизҳо ва ҷаримаҳои дар рафти фаъолияти назоратӣ ва тафтишотӣ ошкоргардида (ба истисnoи андози иҷтимоӣ, низоми махсуси андозбандӣ, андозҳои маҳаллӣ) ва 30 фоизи хироҷи гумрукӣ равона ва истифодаи мақсадноки маблағро таъмин намоянд;

- якҷо бо мақомоти молияи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷиҳати иҷрои нақшаи воридоти андози иҷтимоӣ чораҳои зарурӣ андешида, оид ба воридоти андози иҷтимоии ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ ҳар моҳ на дертар аз санаи 15-уми баъди моҳи ҳисоботӣ дар асоси санадҳои муқоисавӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намоянд;

- дар соли 2019 маблағҳое, ки дар ҷараёни фаъолияти назоратӣ аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби андози иҷтимоӣ, андозҳои маҳаллӣ ва низомҳои махсуси андозбандӣ ошкор гардидаанд, аз рӯи таъиноташон пурра ба буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ва буҷетҳои маҳаллӣ гузаронида шавад. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои он ҳар семоҳа то санаи 15-уми баъди моҳи ҳисоботӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

5. Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- якҷо бо Бонки миллии Тоҷикистон ва бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк», инчунин дигар бонкҳои ҷумҳурӣ ба буҷетҳои дахлдор гузаронидани андози иҷтимоиро тибқи меъёрҳои муқаррарнамудаи қисми 4 моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019» таъмин намояд;

- то санаи 10-уми баъди моҳи ҳисоботӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои қисми даромад ва хароҷоти буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо, инчунин гурӯҳбандии иқтисодӣ, гирандагони маблағҳои буҷетӣ, бо нишон додани шумораи нафақагирон ва намудҳои нафақа ҳисоботи муфассал пешниҳод намояд.

6. Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини иҷрои манбаъҳои даромади буҷети давлатиро, ки бевосита ба фаъолияти онҳо мансубанд, зери назорати ҷиддӣ қарор диҳанд.

7. Вазорату идораҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳое, ки аз буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ карда мешаванд:

- то 15 январи соли 2019 сметаҳои ягонаи даромад ва хароҷоти тасдиқшударо барои соли 2019 оид ба маблағҳои буҷетӣ ва махсуси вазорату идораҳо, ташкилотҳои буҷетӣ аз рӯи шакли муқарраргардида ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд. Дар ҳолати аз ҷониби ташкилотҳои буҷетӣ сари вақт пешниҳод нагардидани сметаҳои ягонаи даромад ва хароҷот, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тақсимоти онҳоро дар семоҳаҳо бо салоҳдиди худ ташаккул медиҳад;

- хариди арзишҳои молию моддӣ, сӯзишворию равғанҳои молиданӣ, аз ҷумла молу мулки ҳарбӣ ва ҷойгиркунии фармоиши мудофиавии давлатиро дар навбати аввал аз молистеҳсолкунандагони ватанӣ (аз ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва танҳо дар ҳолати мавҷуд набудани онҳо дар бозори истеъмолии дохилӣ, тавассути субъектҳои хориҷии кишвар анҷом диҳанд;

- оид ба гурӯҳбандии барномавӣ дар соҳаҳои пилотие, ки тибқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019» муқаррар шудаанд, ҳар семоҳа аз рӯи нишондиҳандаҳои молиявӣ ва соҳавӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд;

- тағйироти нақшаи хароҷот аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодии буҷетии муассисаю ташкилоти зертобеъро қатъиян тавассути тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ ба роҳ монанд.

8. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- бақияи маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳои махсуси суратҳисобҳои намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа, ки ба ҳолати 1 январи соли 2019 барои маблағгузории хароҷоти иловагии нигоҳдории сафоратҳо, аз ҷумла барои таъмиру сохтмони биноҳои маъмурӣ тибқи тартиб ва талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон равона намояд;

- ҳар семоҳа ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон то санаи 10-уми моҳе, ки баъд аз давраи ҳисоботӣ фаро мерасад, пешниҳод намудани ҳисоботи муҳосибавӣ оид ба истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва даромади консулӣ, аз ҷумла дар намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар таъмин намояд.

9. Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- ҷиҳати тақвияти фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ, бунёди коргоҳу корхонаҳои саноатӣ ва зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар ташкилотҳои зертобеъ, инчунин сари вақт таъмин намудани уҳдадориҳои андозӣ дар назди буҷети давлатӣ аз рӯи созишномаҳои қарзӣ ва зерқарзӣ чораҳои зарурӣ андешанд;

- якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда, молҳои содиротӣ ва зераксизӣ чораҳои зарурӣ андешанд.

10. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо агентиҳои иҷроия ва амаликунандаи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ оид ба сари вақт ва самаранок амалӣ намудани лоиҳаҳои муштараки сармоягузории давлатӣ чораҳои зарурӣ андешад.

11. Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» оид ба истифодаи маблағҳои аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои пурра намудани сармояи оинномавӣ ҷудогардида, маблағҳои гардишии дар бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ҷойгирбуда, қарзҳои ба соҳибкорони ватанӣ ҷудогардида, баргардонидани қарзҳо ва фоизҳои онҳо, инчунин қарзҳои баргардониданашуда ва дигар хароҷоти муассиса ҳар семоҳа ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи муфассал пешниҳод намояд.

12. Агентиҳои амаликунандаи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ:

- сари вақт ва пурра ба буҷети ҷумҳуриявӣ ворид намудани андозҳои муқарраршуда аз шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки мувофиқи шартномаҳо (қарордодҳо) дар марказҳои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ фаъолият мекунанд, инчунин андози даромад аз кормандони дар марказҳои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ фаъолиятдоштаро дар асоси талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намоянд;

- то санаи 5-уми ҳар моҳ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси истифодаи маблағҳое, ки аз ҳисоби шариконии рушд ба сифати грант ва қарз барои амалӣ намудани лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб карда мешаванд, ҳисобот пешниҳод намоянд;

- то 15 январи соли 2019 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тақсимоти маблағҳои грантӣ ва қарзӣ аз рӯи самтҳои (унсурҳои) лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ барои сохтмони иншоот, хизматрасонӣ ва иҷрои корҳо дар ноҳияҳо ва шаҳрҳои ҷумҳурӣ барои давраи амалӣ намудани лоиҳаҳо маълумот пешниҳод намоянд;

- ҳар семоҳа на дертар аз санаи 10-уми моҳи баъд аз семоҳаи ҳисоботӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба азхудкунии маблағҳои грантӣ ва қарзӣ аз рӯи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ҳисобот пешниҳод намоянд;

- ҳар семоҳа на дертар аз санаи 15-уми моҳи баъд аз семоҳаи ҳисоботӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба шумораи кормандон, маблағҳои ҳисобшуда ва пардохтшуда аз ҳисоби андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромади шахсони воқеӣ–резидентҳо ва ғайрирезидентҳо маълумот пешниҳод намоянд.

13. Вазорату идораҳо, ташкилотҳо ва дигар субъектҳои хоҷагидор, сарфи назар аз шакли моликияташон, ҳар семоҳа на дертар аз санаи 10-уми моҳи баъд аз семоҳаи ҳисоботӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба истифодаи қарзҳои берунии бо кафолати давлат ҷалбгардида, мавҷудият ва гардиши маблағҳои қарзӣ барои баҳисобгирии қарзи давлатии берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин оид ба пешниҳод намудани қарз ба омӯзгорони ҷавон ва грантҳо барои соҳибкорзанон додашуда маълумот пешниҳод намоянд.

14. Бо мақсади сари вақт хизматрасонӣ намудани қарзҳои берунии давлатӣ ва дохилӣ:

- Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик», корхонаи воҳиди давлатии «Обу корези Душанбе», корхонаи воҳиди давлатии «Канаск», ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктрансгаз», Бонки миллии Тоҷикистон, ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиксодиротбонк», бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк», ҷамъияти саҳомии кушодаи

«Агроинвестбонк», ҷамъияти саҳомии кушодаи «Помир энерҷӣ», муассисаи давлатии меҳмонхонаи «Авесто»-и муассисаи давлатии Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе», корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон», корхонаи воҳиди давлатии «Ширкати Алюминийи Тоҷик» ва ҷамъияти саҳомии кушодаи «СТС Иншоот» қарзҳои худро дар назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сари вақт пардохт намуда, минбаъд иҷрои уҳдадориҳоро мутобиқи шартҳои созишномаҳои зерқарзӣ дар доираи созишномаҳои қарзӣ оид ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорие, ки дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои шарикони рушд амалӣ мегарданд, таъмин намоянд;

- ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик», корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», корхонаи воҳиди давлатии коммуналии «Хуҷандобуканал», корхонаи коммуналии воҳиди давлатии «Троллейбус»-и шаҳри Душанбе, корхонаи коммуналии воҳиди давлатии «Троллейбус»-и шаҳри Хуҷанд, корхонаи воҳиди давлатии «Хизматрасонии нақлиёти санитарии шаҳри Хуҷанд», мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, корхонаи коммуналии «Шуъбаи манзилию коммуналӣ ва хоҷагидорӣ дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода», корхонаи воҳиди давлатии коммуналии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» дар шаҳри Бохтар, корхонаи воҳиди давлатии коммуналии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» дар шаҳри Норак ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ ҷиҳати таъмини хизматрасонии қарзҳои худ дар назди ташкилотҳои шарикони рушд мутобиқи шартҳои созишномаҳое, ки таҳти кафолати давлатӣ дар доираи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба имзо расонида шудаанд, чораҳои зарурӣ андешанд;

- ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик» маблағҳои аз ҳисоби созишномаҳои қарзӣ ва зерқарзии ба ҳолати 1 октябри соли 2016 мавҷудбударо тибқи ҷадвал ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуда, уҳдадориҳои қарзиро пурра таъмин намояд.

15. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз ҳисоби барзиёд иҷро намудани қисми даромади буҷетҳои маҳаллӣ, дар ҳолати мавҷуд набудани қарздорӣ аз рӯи моддаҳои ҳимояшавандаи хароҷот ва ҷалби дигар захираҳои иловагии молиявӣ, метавонанд бо тартиби муқарраргардида маблағҳоро барои амалӣ намудани барномаҳои рушди шаҳру ноҳияҳои дахлдор, инчунин барои маблағгузории асосӣ ҷиҳати барқарорсозӣ ва сохтмони иншооти маҳаллӣ, таъмиру нигоҳдории роҳҳои аҳамияти маҳаллидошта, корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, бартараф намудани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода ва ободонии шаҳру ноҳияҳо равона намоянд.

16. Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- ҷиҳати самаранок истифода бурдани маблағҳои дар буҷети соли 2019 барои дастгирии ин соҳаҳо пешбинишуда чораҳои зарурӣ андешида, иҷрои барномаҳои қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба барқарорсозӣ ва рушди соҳаҳо таъмин намоянд. Дар ин робита, истифодаи самараноки замину обро ҷиҳати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, ҳосилнокӣ ва маҳсулнокии соҳаҳои растанипарварӣ, чорводорӣ, коркард ва афзун намудани ҳаҷми содироти онҳо, зиёд ва беҳтар намудани саршумори чорвои зотӣ, инчунин биотехнологияи онҳо, чорабиниҳо оид ба мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон, истифодаи маблағҳои Фонди давлатии тухмӣ, риояи технологияи парвариш ва истеҳсоли он дар хоҷагиҳои ҷумҳурӣ таъмин намоянд. Ҷиҳати таъмини хоҷагиҳои деҳқонӣ бо мошинолоти кишоварзӣ чораҳои зарурӣ андешанд. Ҳамчунин дар муҳлатҳои муқарраршуда иҷрои корҳои таъмиру барқарорсозии системаҳои ирригатсионӣ ва обёрӣ, истгоҳҳои обтаъминкунанда, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо, ҳифзи муҳити зист, истифодаи оқилонаю эҳтиёткоронаи захираҳои табииро таъмин намоянд;

- ҳар семоҳа на дертар аз санаи 10-уми моҳи баъд аз семоҳаи ҳисоботӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот ва маълумоти дигарро оид ба истифодаи маблағҳо аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ пешниҳод намоянд.

17. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки ба маблағгузории сарикасӣ гузаштаанд, аз рӯи меъёрҳои минималӣ мувофиқи замимаи 1 ва коэффитсиентҳои махсуси шаҳрӣ ва ноҳиявӣ мувофиқи замимаи 2 чораандешӣ намояд;

- якҷо бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ фарогирии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки бо баҳои қаноатбахш таҳсил менамоянд, чораҳои дахлдор андешад;

- якҷо бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни таҳияи лоиҳаи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020 меъёри ягонаи маблағгузориро барои муассисаҳои давлатии томактабӣ муайян намояд;

- дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ, таъмини рушд ва ислоҳоти соҳа, 1 фоизи ҳаҷми воридоти

воқеии маблағҳои махсуси муассисаҳои таълимии тобеи вазорат (ба истисноии муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ) ва 1 фоизи ҳаҷми воридоти воқеии маблағҳои махсуси муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро тибқи созишнома бо тартиби муқарраргардида ба суратҳисоби махсуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида, истифодаи мақсадноки маблағҳоро тибқи сметаҳои даромад ва хароҷот таъмин намояд. Ҳар семоҳа оид ба хароҷоти маблағҳои мазкур ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намояд;

- оид ба риояи меъёри хонандагон дар синфхонаҳо ва пешгирии ҷамъоварии маблағ аз падару модарон чораҳои иловагӣ андешад;

- оид ба таъмин намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо китобҳои дарсӣ аз ҳисоби фурӯши китобҳои нав ва истифодашуда чораҳои иловагӣ андешад.

18. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади мустаҳкам намудани заминаи моддию техникӣ ва таъмини рушди муассисаҳои таълимии зертобеи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 фоизи ҳаҷми воридоти воқеии маблағҳои махсуси муассисаҳои зертобеи худро бо тартиби муқарраргардида ба суратҳисоби маблағҳои махсуси Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида, истифодаи мақсадноки ин маблағҳоро тибқи сметаи даромад ва хароҷот амалӣ намояд. Ҳар семоҳа оид ба хароҷоти маблағҳои мазкур ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намояд.

19. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- якҷо бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати марҳила ба марҳила ҷорӣ намудани маблағгузории сарикасӣ дар муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ (КАТС) чораҷӯӣ намояд;

- якҷо бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри тақсимоти маблағҳои буҷетиро дар асоси принсипи маблағгузории сарикасӣ барои марказҳои саломатии деҳот ва бунгоҳҳои саломатӣ таҳия ва тасдиқ намояд;

- якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати маблағгузории муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ, ки ба маблағгузории сарикасӣ гузаштаанд, аз рӯи меъёрҳои минималӣ мувофиқи замимаи 3 ва коэффитсиентҳои махсуси шаҳрӣ ва ноҳиявӣ (барои баробаркунии хароҷот) мувофиқи замимаи 4 чораҳои зарурӣ андешад;

- бо мақсади иҷрои талаботи Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани муоинаи ҳатмии ройгони тиббии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки ақди никоҳ мебананд, дар муассисаҳои соҳаи тандурустии маҳалли зист ё истиқомати доимӣ амалӣ намояд;

- дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои тиббӣ, таъмири онҳо, ташкил намудани ташхис ва табобати беморон дар ҳолатҳои фавқулодда (садамаҳо, сар задани бемориҳои сироятӣ ва дигар ҳолатҳои фаврӣ), 5 фоизи ҳаҷми воридоти воқеии маблағҳои махсуси муассисаҳои тиббӣ (ба истиснои муассисаҳои тиббӣ, ки дар онҳо Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кумаки тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2019 амалӣ гардида истодааст) ва 30 фоизи маблағҳои аз ҳисоби гузаронидани муоинаҳои ҳатмии пешакӣ ва давравии тиббӣ воридгардидаро бо тартиби муқарраргардида ба суратҳисоби махсуси Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида, истифодаи мақсадноки онҳоро тибқи сметаҳои даромад ва хароҷот таъмин намояд. Ҳар семоҳа оид ба хароҷоти маблағҳои мазкур ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намояд;

- бо ҷалби кумаки техникии созмонҳои байналмилалии молиявӣ ислоҳотро дар самти хизматрасонии тиббии статсионарӣ гузаронида, барои маблағгузорӣ аз рӯи табобат замина муҳайё намояд.

20. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ то 6 феврали соли 2019 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйхати шаҳрвандонеро, ки аз имтиёзҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мебаранд ва аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, аз рӯи гурӯҳҳо ва минтақаҳои ҷумҳурӣ пешниҳод намоянд.

21. Ба Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад, ки:

- дар сурати таъмин нагардидани нақшаи қисми даромади буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз ҳисоби андози иҷтимоӣ, бо мақсади маблағгузории саривақтии нафақа ва кумакпулиҳо, маблағҳои озоди андӯхти нафақавиро муваққатан мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пӯшонидани норасогии маблағгузории буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа истифода намояд;

- бо мақсади амалӣ намудани қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №665 «Дар бораи Қоидаҳои пардохти маблағҳои андӯхти нафақавӣ аз ҳисобномаҳои инфиродии

шахсони суғурташуда», ба андозаи 2 фоизи даромади аз ҳисоби маблағҳои андӯхти нафақавии дар депозитҳои бонкӣ ҷойгирбуда бадастомадаро барои хароҷоти маъмуригардонии андӯхти нафақавӣ (молҳои канселярӣ, маводи масрафии таҷҳизот ва ҳавасмандгардонии кормандон) истифода намояд.

22. Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади мустаҳкам намудани заминаи моддию техникӣ ва таъмини рушди ташкилотҳои тобеи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 фоизи ҳаҷми воридоти воқеии маблағҳои махсуси ташкилотҳои зертобеъро бо тартиби муқаррargardida ба суратҳисоби махсуси Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида, истифодаи мақсадноки ин маблағҳоро тибқи сметаи даромад ва хароҷот амалӣ намояд. Ҳар семоҳа оид ба хароҷоти маблағҳои мазкур ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намояд.

23. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми зарурат бо розигии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳаҷми маблағгузории асосии мутамаркази вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои соли 2019 тағйирот ворид намояд.

24. Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ки функсияи фармоишгарро иҷро менамоянд, то 10 январи соли 2019 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи иншооти дар соли 2019 сохташавандаро барои мувофиқа пешниҳод намоянд. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон то 25 январи соли 2019 номгӯи иншооти дар соли 2019 сохташавандаро дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намояд.

25. Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» то 5 январи соли 2019 ҳисоби субсидияҳои ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, ки дар буҷети ҷумҳуриявӣ барои пардохти имтиёзҳои тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррargardida пешбинӣ шудаанд ва рӯйхати имтиёздоронро аз рӯи гурӯҳҳо дар мувофиқа бо мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар мақомоти давлатӣ, ки аз имтиёзҳо бархӯрдоранд, ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

26. Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» ва Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- ҷиҳати сари вақт анҷом додани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, дар сатҳи зарурӣ нигоҳубин ва истифода намудани иншооти обгирӣ тадбирҳои мушаххас андешанд;

- якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо дар доираи маблағҳои дар буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019 пешбинигардида ҷиҳати иҷрои Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ чораҳои зарурӣ андешанд;

- ҷиҳати сари вақт пардохт намудани андозҳои ҷорӣ ва кам намудани бақияи қарзи андозҳои солҳои пешини ташкилотҳои зертобеи худ чораҷӯӣ намоянд.

27. Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик» баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии фаъолияти молиявӣ ва хоҷагидории худро бо стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ мутобиқ намуда, ҷиҳати пурра ҷамъоварӣ намудани маблағҳо аз хизматрасонии қувваи барқ ва иҷрои уҳдадориҳои андозӣ дар назди буҷет аз рӯи пардохти андозҳои ҷорӣ ва кам кардани бақияпулиҳо аз рӯи андозҳои солҳои гузашта чораҳои зарурӣ андешад ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар семоҳа маълумот пешниҳод намояд.

28. Ба Бонки миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад, ки:

- бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати гузаронидани ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ дар суратҳисоби муросилотии Бонки миллии Тоҷикистон ва қарзи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Бонки миллии Тоҷикистон шартномаи дуҷониба ба имзо расонида, иҷрои уҳдадориҳои худро сари вақт таъмин намояд;

- бо бонкҳои дигари ҷумҳурӣ ҷиҳати сари вақт ба буҷет интиқол додани маблағи андозҳо ва пардохтҳои субъектҳои хоҷагидор тавассути суратҳисобҳои муросилотии ташкилотҳои қарзӣ чораҷӯӣ намояд;

- барои сари вақт гузаронидани амалиётҳо оид ба уҳдадориҳои давлатӣ дар назди созмонҳои байналмилалии молиявии қарзӣ ва аъзоҳаққии созмонҳои байналмилалӣ мусоидат намояд.

29. Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, кумитаи марказии Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарпрокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, судҳои ҳарбии гарнизонҳо, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии

Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти давлатии фелдегерии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар идораҳои ба мақомоти ҳарбӣ ва ҳифзи ҳуқуқ баробаркардашуда:

- дар муҳлатҳои муқарраргардида ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани сметаҳои ягонаи даромад ва хароҷотро дар сатҳи барномаҳо оид ба маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳои махсуси ҳамаи ҷузъу томҳо ва хадамоте, ки тавассути сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ карда мешаванд, бо ҳисоби алоҳидаи моддаҳои хароҷотӣ ва рӯйхати мансабҳои дастгоҳҳои марказӣ ва воҳидҳои сохтории онҳо таъмин намоянд. Ба таври ҳатмӣ сметаҳои алоҳидаи хароҷотро барои нигохдории муассисаҳои олии ҳарбии таълимӣ, инчунин муассисаҳои ҳарбии тиббӣ пешниҳод намоянд;

- роҳкироро ба маҳалли гузаронидани рухсатӣ ва бозгашт (як маротиба дар як сол) танҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиккунанда пардохт намоянд;

- ба ҳолати казармавӣ гузаронидани ҳайати шахсиро танҳо дар асоси амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намоянд ва пардохти ҷубронпулиро барои ин мақсад дар доираи маблағҳои тасдиқшудаи фонди музди меҳнат ва сметаи хароҷотӣ анҷом диҳанд;

- пардохти маблағҳоро ҷиҳати табобати санаторию курортии хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи хуқуқ мувофиқи тартиби муқарраргардида дар доираи маблағҳое, ки дар сметаи хароҷоти вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ин мақсад пешбинӣ шудаанд, анҷом диҳанд;

- хароҷоти нигоҳдории шумораи курсантҳо ва шунавандагони дар муассисаҳои таълимӣ-ҳарбии кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таҳсилдоштаро ба маблағҳое, ки дар сметаи хароҷот барои ин мақсад пешбинӣ шудаанд, мутобиқ намоянд;

- мувофиқи тартиби муқарраргардида баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ оид ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти дар хоҷагиҳои ёрирасон истеҳсолшавандаро бо ифодаи пулӣ ба роҳ монда, даромад ва хароҷоти онро дар шаклҳои баҳисобгирии муҳосибӣ пурра ба ҳисоб гирифта, ҳар семоҳа то санаи 10 моҳи баъди давраи ҳисоботӣ маълумоти дахлдорро ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд;

- ҳар семоҳа то санаи 10 моҳи баъди давраи ҳисоботӣ оид ба миқдори кумаки техникии (дар шакли пулӣ ва ё аслӣ) аз давлатҳо ва созмонҳои хориҷӣ гирифташуда ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд;

- назорати қатъии харҷи мақсадноки маблағҳои дар сметаҳои хароҷот барои пардохти таъминоти пулӣ, нафақа ва кумакпулӣ пешбинишударо таъмин намоянд;

- пардохтҳоро ба хизматчиёни ҳарбӣ, ки хизмати ҳарбиро ба таври ихтиёрӣ адо менамоянд, таҳти назорати қатъӣ қарор дода, ҳангоми пардохт ҳуҷҷатҳои асоснокро ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд;

- бо мақсади таъмини шаффофият ва роҳ надодан ба қарздории музди меҳнат, илова ба маълумотномаи музди меҳнат ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои асоноккунанда пешниҳод намоянд.

30. Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор ҳаҷми маблағҳои тасдиқшудаи буҷети марказонидашудаи соли 2019-ро барои таҳвили озуқа, ашё ва дигар молу мулки моддию техникӣ ба Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қӯшунҳо, ҷузъу томҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намояд;

- бо вазорату идораҳои дахлдор номгӯй ва миқдори маҳсулоти (захираҳои моддию техникии) таҳвилшавандаро мувофиқа намояд;

- ҳар моҳ то санаи 15-ум ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳвили озуқа, ашё ва дигар амволи моддию техникӣ ба вазорату идораҳои қудратӣ бо ифодаи арзишӣ ва аслӣ ҳисобот пешниҳод намояд;

- якҷо бо Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани озмунро (тендер) барои супоридани фармоиши мудофиавӣ ба ташкилотҳои ҷумҳурӣ ташкил намуда, лоиҳаи санади дахлдорро оид ба номгӯи корхонаҳои иҷрокунанда, инчунин ҳаҷм ва номгӯи маҳсулоти дар доираи фармоиши мудофиавӣ таҳвилшаванда барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

31. Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019» маблағҳоеро, ки аз ҳисоби додани сертификат дар ихтиёраш мемонанд, барои азнавҷиҳозонӣ бо технологияҳои муосир равона намуда, оид ба истифодаи мақсадноки онҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 июл ва 31 декабри соли 2019 ҳисобот пешниҳод намояд.

32. Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ширкати саҳомии холдингии

кушодаи «Барқи Тоҷик», корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» ва дигар вазорату идораҳо дар сметаҳои хароҷот барои соли 2019 дар доираи имкониятҳои буҷети тасдиқшуда дархосту пешниҳодҳои вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки аз қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019» ва нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2020-2021» бармеоянд, ба инобат гиранд.

33. Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ:

- мувофиқи тартиби муқарраргардида маблағгузории саривақтии пардохти ҷубронпулӣ ба маъюбон ва иштирокчиёни рафъи оқибатҳои фалокат дар неругоҳи барқи атомии Чернобил, инчунин ҷубронпулӣ ба омӯзгорон барои хизматрасонии коммуналӣ аз рӯи меъёрҳои муқарраргардида дар доираи маблағҳои пешбинишуда таъмин намоянд;

- буҷети маҳаллии тасдиқшуда, тақсимоти он ба семоҳаҳо аз рӯи даромад ва хароҷот, маълумот оид ба ташкилотҳои буҷетӣ, воҳидҳои корӣ ва миқдориро ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон то 25 январи соли 2019 пешниҳод намоянд;

- дар ҳолати мавҷуд будани қарздорӣ ва ба вуҷуд омадани норасоии маблағгузорӣ барои пардохти фонди музди меҳнат ва дигар моддаҳои ҳимояшаванда, маблағҳои бақияи озоди ба ҳолати 1 январи соли 2019 мавҷудбуда ва маблағҳои иҷрои барзиёдии даромади буҷетҳои маҳаллии соли 2019-ро дар навбати аввал ба ин мақсадҳо равона намоянд;

- маблағҳои истифоданагардидаи фонди музди меҳнатро, ки аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ дар шакли мусоидати молиявӣ (субвенсия) аз рӯи ҳисоби байниҳамдигарӣ ҷудо карда шудаанд, дар охири соли молиявии 2019 ба буҷети ҷумҳуриявӣ баргардонанд;

- пардохти 20 фоизи маблағҳои иҷрои барзиёди қисми даромади буҷетҳои тасдиқшудаи маҳаллиро ба Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт таъмин намоянд;

- маблағгузории пурра ва саривақтии муассисаҳои таҳсилоти умумиро тибқи меъёрҳои тасдиқгардидаи маблағгузории сарикасӣ таъмин намоянд;

- маблағгузории пурра ва саривақтии муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитариро, ки мутобиқи ҷадвали номгӯи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ба маблағгузории сарикасӣ барои солҳои 2018-2019 дар сатҳи шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешаванд ва бо фармоиши муштараки Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ ва

ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд, аз рӯи меъёрҳои тасдиқгардида таъмин намоянд;

- дар ҳолати дар давоми соли молиявӣ пайдо шудани касри хазинавӣ ва истифода бурдани маблағҳои нақди гардони хазинавӣ, барқарор намудани онҳоро ба 1 январи соли 2019 таъмин намоянд.

34. Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳое, ки тибқи муқаррароти моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019» аз имтиёзҳои андозию гумрукӣ бархӯрдор мегарданд, ҳар семоҳа на дертар аз санаи 15-уми моҳи баъд аз семоҳаи ҳисоботӣ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба истифодаи имтиёзҳои додашуда маълумот пешниҳод намоянд.

35. Вазорату идораҳо, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҳар семоҳа аз ҷараёни иҷрои қарори мазкур ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

36. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шавад.

ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

Эмомалӣ Раҳмон

Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» декабри соли 2018, №594

Меъёрҳои маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ,
ки ба маблағгузории сарикасӣ гузаштаанд

| Навъи муассисаҳои таҳсилотӣ | меъёр (сомонӣ) | |
|---|---|---|
| | Барои як хонанда | Барои як муассиса |
| Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 1- 11) | 932 | 172992 |
| Муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ (синфҳои 1- 9) | 1162 | 69653 |
| Муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ (синфҳои 1- 4) | 1454 | 25075 |

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» декабри соли 2018, №594

Коэффитсиентҳои махсус барои маблағгузории меъёрии (сарикасии) муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

| Номгӯи вилояту шаҳрҳо | Шаҳру ноҳияҳо | Коэффитсиентҳои махсуси шаҳрӣ ва ноҳиявӣ |
|---|---|---|
| Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | Мурғоб | 1,9 |
| | Роштқалъа | 1,5 |
| | Ишкошим | 1,5 |
| | Рӯшон | 1,45 |
| | Хоруғ | 1,45 |
| | Шуғнон | 1,45 |
| | Дарвоз | 1,35 |
| | Ванҷ | 1,35 |
| Вилояти Хатлон | Норак | 1,15 |
| | Шамсиддини Шоҳин | 1,2 |
| Вилояти Суғд | Айнӣ | 1,15 |
| | Кӯҳистони Мастчоҳ | 1,15 |
| | Истиқлол | 1,15 |
| Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | Роғун | 1,15 |
| | Сангвор | 1,15 |

Замимаи 3
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» декабри соли 2018, №594

Меъёрҳои ҳадди ақали маблағгузории сарикасии муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ

| Навъи муассиса | Андозаи ҳадди ақали меъёр барои як нафар аҳолии вобастакардашуда (сомонӣ) |
|---|---|
| Марказҳои саломатии шаҳрӣ, аз ҷумла зерсохторҳои марказҳои саломатии шаҳрӣ (марказҳои саломатии деҳот ва бунгоҳҳои саломатӣ) | 55,96 |
| Марказҳои саломатии ноҳиявӣ, аз ҷумла воҳидҳои сохтории марказҳои саломатии ноҳиявӣ (марказҳои саломатии деҳот ва бунгоҳҳои саломатӣ) | 45,54 |

Эзоҳ: Барои меъёрҳои маблағгузории сарикасии марказҳои саломатии шаҳрҳои Ваҳдат ва Ҳисор муваққатан меъёрҳои марказҳои саломатии ноҳиявӣ истифода бурда мешаванд.

Замимаи 4
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» декабри соли 2018, №594

Коэффитсиентҳои махсус барои маблағгузории
сарикасии муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ

| Номгӯи вилояту шаҳрҳо | Шаҳру ноҳияҳо | Коэффитсиентҳои махсуси шаҳрӣ ва ноҳиявӣ |
|---|---|---|
| Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | Хоруғ | 1,34 |
| | Мурғоб | 2,27 |
| | Роштқалъа | 1,33 |
| | Ишкошим | 1,33 |
| | Рӯшон | 1,33 |
| | Шуғнон | 1,33 |
| | Дарвоз | 1,33 |
| | Ванҷ | 1,33 |
| шаҳри Душанбе | Душанбе | 1,2 |
| Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | Ҳисор | 0,84 |
| | Рӯдакӣ | 0,84 |

Замимаи 5
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» декабри соли 2018, №594

Нишондиҳандаҳои сармоягузориҳои асосии мутамарказ
барои соли 2019, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешаванд

(ҳазор сомонӣ)

| Номгӯи вазоратҳо, идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | соли 2019 |
|---|---|
| Ҳамагӣ буҷети давлатӣ, аз он ҷумла: | 3658833 |
| Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 5192 |
| буҷети ҷумҳуриявӣ, аз он ҷумла: | 2838016 |
| Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 477400 |
| Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 10685 |
| Кумитаи ҳолатҳои фавкулодда ва мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1000 |
| Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 500 |
| Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 11000 |
| Кумитаи давлати амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла: | 12 000 |
| Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлати амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 4 000 |
| Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 5000 |
| Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1900 |
| Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | 3500 |

| | |
|---|---|
| Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | 23500 |
| Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 19000 |
| Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 7000 |
| Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2400 |
| Ҷамъияти саҳомии кушодаи «НБО Роғун» барои пурра намудани сармояи оинномавӣ, аз ҷумла: | 2157000 |
| Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи неругоҳи барқи обии Роғун» | 51000 |
| Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон | 3000 |
| Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик» | 4305 |
| Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нафтугаз» | 4400 |
| Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктрансгаз» | 960 |
| Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 14400 |
| Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 500 |
| Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1600 |
| Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 480 |
| Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 16000 |
| Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | 960 |
| Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон | 300 |
| Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 550 |
| Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», аз ҷумла: | 12500 |

| | |
|---|---|
| Муассисаи давлатии сарраёсати «Тоҷикобдеҳот» | 3200 |
| Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1500 |
| Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 3000 |
| Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 800 |
| Маркази ҳамоҳангсозии лоиҳаҳо оид ба таҷдид ва рушди иншооти инфрасохтори иҷтимоӣ (Кӯлоб) | 10000 |
| Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 290 |
| Мудирияти иншооти сохташавандаи хатти обтаъминкунии шаҳри Хуҷанд | 4500 |
| Барои тараққиёти ноҳияи Мастчоҳ (шуъбаи сохтмони асосии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Мастчоҳ) | 1680 |
| Барои тараққиёти шаҳри Хуҷанд (раёсати сохтмони асосии шаҳри Хуҷанд) | 1136 |
| Барои тараққиёти ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ (шуъбаи сохтмони асосии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ) | 1250 |
| Барои тараққиёти вилояти Хатлон (филиали раёсати сохтмони асосии вилояти Хатлон оид ба минтақаи Кӯлоб) | 9500 |
| Барои тараққиёти ноҳияи Балҷувон (шуъбаи сохтмони асосии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Балҷувон) | 3000 |
| Барои тараққиёти ноҳияи Муъминобод (шуъбаи сохтмони асосии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Муъминобод) | 3000 |
| Барои тараққиёти ноҳияи Нуробод (шуъбаи сохтмони асосии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Нуробод) | 580 |

| | |
|---|---|
| Барои тараққиёти шаҳри Исфара (шуъбаи сохтмони асосии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Исфара) | 500 |
| Барои тараққиёти ноҳияи Рашт (шуъбаи сохтмони асосии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт) | 950 |
| Суди Олӣ | 400 |
| Мудирияти минтақаи озоди иқтисодии Суғд | 640 |
| Мудирияти минтақаи озоди иқтисодии Панҷ | 1150 |
| Мудирияти минтақаи озоди иқтисодии Ишкошим | 1150 |
| Мудирияти минтақаи озоди иқтисодии Данғара | 1150 |
| буҷетҳои маҳаллӣ, аз он ҷумла: | 815625 |
| Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | 49000 |
| Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | 64000 |
| Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 7000 |
| Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии дар шаҳри Душанбе | 680000 |
| Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода | 2000 |
| Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун | 2300 |
| Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб | 1400 |
| Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ | 1800 |
| Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Лахш | 1100 |
| Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Файзобод | 1050 |
| Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт | 2100 |
| Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Сангвор | 800 |

| | |
|---|---|
| Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Тоҷикобод | 825 |
| Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Нуробод | 750 |
| Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор | 500 |
| Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳринав | 1 000 |